Шир мегардад бурун аз кӯҳ баҳри кӯҳкан,
Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

Геолог

№ 3 (3), сентябри соли 2020

Нашрияи Муассисаи давлатии коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РӮЗИ ДОНИШ

17.08.2020, шаҳри Душанбе

Ҳамватанони азиз!

Хонандагону донишҷӯён ва устодону омӯзгорони муҳтарам!

Ҳар сол дар саросари Тоҷикистон Рӯзи дониш ҳамчун санаи гиромидошти илму маърифат ҷашн гирифта мешавад, ки ин гувоҳи равшани таваҷҷуҳи доимӣ ва эҳтироми хоссаи Ҳукумати мамлакат ба аҳли илму маориф мебошад.

Оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи донишро ба хонандагону донишҷӯён, падару модарон, аҳли илму маориф, кулли мардуми шарифи кишвар, инчунин, ба кӯдакони хушбахти даврони истиқлол, ки имрӯз нахустин бор ба остонаи мактаб қадам мегузоранд ва ба шумо, ҳозирини гиромӣ, табрик мегӯям.

Соли таҳсили имсола бо сабаби пандемияи коронавирус пештар оғоз гардид.

Бинобар хуруҷи беморие мазкур бо мақсади ҳимояи саломатии хонандагону донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони соҳаи илму маориф бо қарори Ситоди чумҳуриявӣ соли таҳсил барвақт қатъ гардид ва мухлати таътил низ дароз карда шуд.

Дар натичаи саъю талоши Ҳукумати мамлакат ва заҳмати фидокоронаи кормандони соҳаи тандурустӣ шиддати беморӣ хеле паст шуд ва имрӯз дари ҳамаи муассисаҳои таълимӣ барои таълимгирандагон боз гардид.

Дар натичаи роҳандозӣ намудани чунин тадбир, яъне таътили тӯлонӣ мо тавонистем, ки саломатии наврасону ҷавонон ва устодони онҳоро аз ин беморӣ эмин дорем.

Соли нави таҳсил тибқи анъана бо дарси сулҳ оғоз мегардад.

Воқеан, сулҳ неъмати бебаҳо буда, хусусан, барои сокинони Тоҷикистон арзиши бузург дорад. Зеро мардуми мо сулҳу оромӣ ва суботи сиёсиро бо баҳои ниҳоят гарон ва бо таҳаммул кардани машаққату маҳрумиятҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба даст оварданд.

Насли наврас ва ҷавонони имрӯза бояд аз сабаки гузашта омӯзанд ва барои таҳкими сулҳу субот дар кишвар талош намуда, дар ҳифзу устувории давлатдории миллӣ саҳми бевоситаи хешро гузоранд.

Яъне рисолати аслии устодону омӯзгорон ва падару модарон дар ин самт аз он иборат аст, ки ба насли наврас ва ҷавонони имрӯза таърихи фоҷиабор ва таҷрибаи талхи миллатро омӯзонанд ва онҳоро барои ҳифзу пойдории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва боз ҳам мустаҳкам намудани давлати озоду соҳибистиқлоламон омода созанд.

Зеро сулҳу оромӣ шарти муҳимтарини устуворӣ ва пойдории давлат, осоиши ҷомеа ва амалӣ шудани нияту орзуҳои ҳар як фард мебошад.

Аз ин рӯ, мо бояд ба қадри сулҳу оромӣ расем ва аҳаммияти онро дар миёни аҳли ҷомеа, алалхусус, ба наврасону ҷавонон боз ҳам бештар тарғиб намоем.

Зеро дар дунёи пурҳаводису нооромии имрӯза бар асари ҷангу низоъҳо, гуруснагиву фақр ва паҳншавии ҳар гуна беморихо садҳо ҳазор кӯдакон имкони ба мактаб рафтану савод омӯхтан надоранд ва ҳазорон нафари дигар ба ҳалокат мерасанд.

Мувофиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаҳон то оғози пахншавии бемории сироятии КОВИД-19 беш аз 250 миллион нафар кӯдакон аз имконияти рафтан ба мактаб маҳрум буданд.

Дарси сулҳ ба маънои дигар дарси ватандӯстӣ ва шиноҳти сабақҳои таърих ба хотири фардои ободи Тоҷикистони азиз мебошад.

Мардуми тоҷик аз давраҳои бостон то ба имрӯз баробари таҳкими дӯстиву рафоқат ва сулҳу субот ба қадри илму дониш ва мактабу маориф низ мерасанд ва ба ин манбаи ташаккулдиҳандаи арзишҳои маънавии ҳаёти инсон арҷ мегузоранд.

Тоҷикон ҳамчун миллати соҳибтамаддун дар ҳар давру замон омӯхтани илму донишро яке аз шартҳои асосии рушди маънавиёти инсон медонистанд.

Ин анъана то ба имрӯз идома ёфта, дар замони соҳибистиқлолӣ мазмун ва арзиши нав касб кардааст.

Дар шароити кунунӣ илму дониш нишондиҳандаи асосии дарачаи инкишофи ҳар як давлату миллат буда, бо раванди рушди нерӯи инсонӣ робитаи мустақим дорад.

Аз ҳамин хотир, мо солҳои 2020-2040-ро солҳои омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон карда, тамоми сохторҳои илму маориф ва умуман, муассисаҳои иҷтимоиро вазифадор намудем, ки бо мақсади бунёди ояндаи дурахшон ба таълими илмҳои табииву риёзӣ зиёдтар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва мафкураи техникии насли наврасро қавӣ гардонанд.

Шарти асосии амалӣ кардани ин ҳадаф бехтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим ва самаранок истифода намудани соатҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Дар ин хусус фармони Президенти мамлакат ба имзо расид ва Вазорати маориф ва илм якҷо бо Академияи миллии илмҳо вазифадор шуданд, ки пешниҳодҳои мутахассисони соҳаҳои дахлдорро ҷамъбаст карда, ба Ҳукумати кишвар манзур намоянд.

Моҳи июли соли ҷорӣ қарори Ҳукумати Тоҷикистон "Дар бораи нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон намудани солҳои 2020-2040" қабул гардид.

Дар ин санад дар марҳалаи аввал таҳия ва татбиқи "Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2021–2025", "Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои давраи то соли 2030" ва "Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои мучаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025" ба нақша гирифта шудааст.

Ғайр аз ин, дар қарори мазкур масъалаҳои вобаста ба омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ зикр шудаанд, ки амалӣ гардидани онҳо ба сифати азхудкунии ин фанҳо мусоидат мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки стандартҳо ва нақшаву барномаҳои таълимии фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба таҷдиди назари ҷиддӣ ниёз доранд.

Яъне зарур аст, ки миқдори соатҳои таълимии фанҳои табииву риёзӣ дар давоми солҳои 2020-2040 зиёд карда шавад.

Бинобар ин, вазоратҳои маориф ва илм, молия, Академияи таҳсилот ва дигар вазорату идораҳои дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати бознигарии ҷиддии нақшаҳои таълимӣ дар асоси меъёрҳои байналмилалии таълим барои зиёд намудани соатҳои таълимии фанҳои табииву риёзӣ аз ҳисоби истифодаи захираҳои молиявии иловагӣ бидуни кам кардани ҳаҷми фанҳои гуманитарӣ ҳоразӯ намоянд.

Мо ба омӯзиши ҳамаи фанҳо, аз ҷумла фанҳои гуманитарӣ эътибори ҷиддӣ медиҳем, аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар кишвар зарурати таваҷҷуҳи бештар ба илмҳои табиӣ пеш омадааст.

Ин зарурат бо ҳадафи чаҳорумии миллии мо — саноатикунонии босуръат ва таъмин намудани рушди минбаъдаи Тоҷикистон вобаста мебошад.

Зеро омӯзиши илмҳои табиӣ мафкураи техникии насли наврасро тавсеа бахшида, онҳоро ба ҷустуҷӯҳои илмӣ ва ихтироъкориву кашфиёт ҷалб месозад.

Тоҷикистон сарзамини пур аз ганҷу сарватҳои табииву зеризаминӣ мебошад. Вале ин боигарӣ то ҳанӯз кам омӯхта шуда, дар соҳаҳои вобаста ба иктишофу ҷустуҷӯи боигариҳои мавҷуда ва истихроҷу коркарди онҳо ба кадрҳои баландихтисос ниёзи зиёд дорем.

Вале боиси нигаронист, ки то ба ҳол майлу завқи наврасону ҷавонон ба омӯхтани илмҳои амалӣ кам мебошад.

Чунин вазъ моро водор месозад, ки ба таълими фанҳои табиӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот диққати аввалиндарача диҳем.

Ҳозирини арҷманд!

Дар натичаи дастгириву ғамхориҳои давлату Ҳукумати мамлакат ва татбиқи лоиҳаву барномаҳои давлатӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар то ба имрӯз садҳо муассисаи нави таълимӣ бунёд гардида, таъмир ва ба шароити муосир мутобиқ гардонидани муассисаҳои таълимии мавҷуда бомаром идома дорад.

Мо дар замони истиқлоли давлатӣ шаклҳои нави муассисаҳои таълимиро ҷорӣ карда, дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон 9 мактаби Президентӣ бо фарогирии қариб 8 ҳазор хонанда, 75 гимназия барои зиёда аз 53 ҳазор толибилм ва 71 литсей барои 36 ҳазор шогирдон таъсис додем.

Имрӯз шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар мамлакат ба 75 ва шумораи шогирдони онҳо қариб ба 90 ҳазор нафар расидааст, ки аз онҳо 32 муассиса дар замони истиқлол ба фаъолият шурӯъ кардааст.

Дар ин давра муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 13 ба 40 расидаанд, ки ҳоло дар онҳо беш аз 227 ҳазор нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда, шумораи хатмкунандагони замони истиқлол беш аз 600 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Инчунин, зиёда аз 35 ҳазор нафар ҷавонони мо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафтаи дунё таҳсил карда истодаанд.

Ҳоло пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ рӯз ба рӯз пурқувват шуда, технологияҳои муосир ба низоми таҳсилот пурра ворид гардидаанд. Ҳамаи ин иқдомот, дар маҷмӯъ, ба сатҳу сифати таълим таъсири мусбат расонида истодааст.

Муассисаи таҳсилоти умумии рақами 102 дар шаҳри Душанбе, ки мо имрӯз ифтитоҳ кардем, аз ҷумлаи иқдомоти навбатии рохбарияти пойтахти мамлакат мебошад. Ин муассиса бо тарҳи муосиру бисёр зебо ва санъати баланди меъморӣ бунёд гардида, дар он тамоми имкониятҳои зарурӣ ва шароити бехтарини таълим фароҳам оварда шудаанд.

Сохтмони мактаб барои 2400 нафар хонанда 15 октябри соли 2017 аз ҷониби Ширкати "Тоҷикгидромонтаж" оғоз гардида, 1 августи соли 2020 ба анҷом расид.

Муассисаи навбунёди имрӯза аз ҷор бино иборат буда, дорои 51 синфхона, аз ҷумла 38 синфхонаи таълимӣ, синфхонаҳои озмоишгоҳӣ, компютерӣ, лингофонӣ, таълими меҳнат, ҳайкалтарошӣ, расмкашӣ, толори варзиш, китобхона, ошхона бо 180 ҷой ва маҷлисгоҳ бо 400 ҷойи нишаст мебошад.

Бо истифода аз фурсат, мехоҳам ба соҳибкори ватанӣ Зайдов Ҳурматулло барои чунин ташаббуси ибратбахш ва ба ҳамаи сохтмончиёне, ки дар бунёди иншооти имрӯза заҳмат кашида, чунин биноҳои хуштарҳу замонавиро барои омӯзгорону хонандагони пойтахт омода кардаанд, изҳори сипос намоям.

Раванди афзоиши аҳолии мамлакат моро водор месозад, ки барои бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимии мавҷуда ва бо таҷҳизоту ашёи зарурӣ таъмин намудани онҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ намоем.

Соли ҷорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 163 иншооти соҳаи маориф барои зиёда аз 33 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи 405 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Аз ин шумора то саршавии соли хониши 2020 - 2021-ум 152 иншоот барои беш аз 32 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи 400 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода мешавад.

Имрӯзҳо ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ - сисолагии истиқлоли давлатӣ сохтмони иншооти соҳаи маориф дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар, пеш аз ҳама, дар деҳоти дурдаст босуръат идома дорад.

Аз 1332 мактабу муассисаҳои томактабии ба нақша гирифташуда то моҳи августи соли 2020-ум 367 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 30 кӯдакистон сохта, ба истифода супорида шудааст, ки аз ин шумора 135 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва 21 кӯдакистон аз ҷониби соҳибкорони ҳиммтбаланду ватандӯсти кишвар бунёд гардидааст.

Дар кишвар танҳо дар шаш моҳи соли ҷорӣ 5 муассисаи томактабӣ ва 37 муассисаи таҳсилоти умумӣ сохта, ба истифода супорида шудааст.

Ман ба ҳамаи соҳибкорону тоҷирон, шахсони саховатпеша ва онҳое, ки ташаббусҳои роҳбарияти давлату Ҳукуматро дастгирӣ карда, барои фарзандонамон, яъне насли оянда иншооти замонавии таълимӣ бунёд мекунанд, бори дигар изҳори сипос менамоям ва ба ҳар яки онҳо барори кор мехоҳам.

Ҳозирини арҷманд!

Тибқи "Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020" солҳои 2014-2019 бояд дар кишвар 859 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ таъсис дода мешуд.

Аммо имрӯз дар 153 муассисаҳои таҳсилоти томактабии кишвар, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, 151 ҳазор кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст, ки ҳамагӣ 15,9 фоизи кӯдакони синни томактабиро ташкил медиҳад.

Таъкид месозам, ки чунин нишондиҳанда ба талабот умуман ҷавобгӯ нест ва эҳтиёҷоти рӯзафзуни аҳолиро ба муассисаҳои ин зинаи таълим қонеъ карда наметавонад.

Дар ин масъала, ба истиснои шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо қафомонии ҷиддӣ ба мушоҳида мерасад.

Мушкилоти дигари зинаи таҳсилоти томактабӣ дар онҳо то ҳанӯз фаъолият доштани омӯзгорону мураббиёни ғайриихтисос мебошад.

Ҳоло дар ин муассисаҳо 1346 нафар бо таҳсилоти олии ғайрипедагогӣ, 771 нафар олии нопурра, 1472 нафар миёнаи касбии ғайрипедагогӣ ва 2792 нафар бо таҳсилоти миёнаи умумӣ кор мекунад, ки чунин вазъ гувоҳи ҷиддии норасоии кадрҳои соҳибтахассус дар ин самт аст.

Роҳбарону масъулони соҳа ва мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ҷиҳати ҳалли ин масъала чорачӯй намоянд, яъне норасоии кадрҳоро дар муассисаҳои томактабӣ зина ба зина бартараф созанд.

Мувофиқи барномаи зикршуда дар шаҳру ноҳияҳои кишвар бояд 331 муассисаи таҳсилоти умумии хусусӣ ташкил мегардид. Вале то ҳол 14 муассисаи хусусӣ таъсис дода шудааст, ки ин ҳамагӣ 4,2 фоизи ичрои барнома мебошад.

Чунин ҳолат возеҳ нишон медиҳад, ки фаъолияти роҳбарони шаҳру ноҳияҳо дар самти ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ғайриқаноатбахш буда, имтиёзҳои дар ҷодаи бунёди муассисаҳои таълимии хусусӣ мукаррар гардида ба таври зарурӣ истифода нашуда истодаанд.

Бинобар ин, ба роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати маориф ва илм супориш дода мешавад, ки барои ислоҳи мушкилоти зикршуда чорабиниҳои қатъии ҳамоҳангшуда андешанд.

с. 2

Геолог
Шер мезорад бурӯч аз ҳӯҳ бахри кӯҳан,
Ризки худ сохибкӯчар аз санг пайдо мекунад.
Нашрия Муассиса давлатии коллеҷи кӯҳи ба номи С.Юсупова дар ноҳияи Доишканди кӯҳ-металлурги Тоҷикистон

Пояи давлат набошад бе маориф устувор,
Давлати поянда хоҳӣ, рӯй бар мактаб биёр.

№ 3 (3) СЕНТЯБР соли 2020

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РӮЗИ ДОНИШ

17.08.2020, шаҳри Душанбе

Ҳозирини муҳтарам!

Зинаи таҳсилоти умумӣ дар низоми маорифи кишвар мақоми бунёдӣ дорад, зеро маҳз дар ҳамин давра фарзандон аз ҷиҳати равониву ҷисмонӣ ташаккул ёфта, донишҳои асосиро аз худ мекунанд ва касби ояндаашонро интихоб менамоянд.

Тибқи таҳлилҳо дар ин зинаи таҳсилот сатҳи азхудкунии барномаҳои таълимӣ ҳанӯз ба талаботи замон мувофиқ нест.

Аз ин лиҳоз, ба масъулони соҳа зарур аст, ки барои аз байн бурдани камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта тадбирҳои фаврӣ андешанд ва ҳамзамон бо ин, назарсанҷии соҳаро тибқи талабот ва меъёрҳои муосир вокеъбинона ба роҳ монанд.

Омили дигаре, ки ба сифати таълим дар ин зинаи таҳсилот таъсири манфӣ расонида истодааст, то ҳол ба хонандагон пурра дастрас набудани китобҳои дарсӣ мебошад.

Тибқи маълумот ҳанӯз муассисаҳои таълимии баъзе шаҳру ноҳияҳо аз норасоии китобҳои дарсӣ танқисӣ мекашанд ва чунин ҳолат дар муассисаҳои таҳсилашон бо забонҳои дигар низ ба мушоҳида мерасад, ки аз масъулони соҳа андешидани тадбирҳои ҷиддиро тақозо менамояд.

Зеро сатҳу сифати дониши хонандагон, пеш аз ҳама, аз мазмуну мухтавои китобҳои дарсӣ вобаста аст.

Аммо аз таҳлилҳо бармеояд, ки аксари китобҳои дарсӣ хислати маълумотӣ доранд ва барои бедор намудани фикрронии мустақилонаи кӯдакону наврасон маводи нокифоя пешниҳод мекунанд.

Вобаста ба ҳалли ин масъала мо қаблан ба масъулони соҳа супоришҳои зарурӣ дода, назорати онро ба Дастгоҳи иҷроияи Президент вогузор карда будем.

Бовар дорам, ки олимону омӯзгорони соҳибтаҷрибаи мо ин мушкилотро дар муҳлатҳои наздик бартараф намуда, сатҳу сифат ва мазмуну мухтавои китобҳои дарсиро ба талаботи замон мутобиқ мегардонанд.

Мушкилоти дигари муассисаҳои таълимии мамлакат ба таври кофӣ таъмин набудани онҳо бо маводи таълимии озмоишӣ, реактивҳои химиявӣ ва асбобу таҷҳизот барои фанҳои химия, физика ва биология мебошад, ки ин ҳолат низ боиси паст шудани сатҳу сифати таҳсилот гардидааст.

Доир ба ҳалли ин масъала ман дар мулоқотҳои қаблӣ бо аҳли маориф ба масъулони соҳа ва сохторҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода будам ва имрӯз ба Маркази ҷумҳуриявии таъминоти соҳаи илм ба таҷҳизоти техникӣ, асбобҳо ва маводи кимиёвии назди Академияи миллии илмҳо бори дигар таъкид месозам, ки то оғози соли 2021 ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти зикршуда чораҳои қатъӣ андешад.

Ҳозирини гиромӣ!

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дар самти тайёр намудани кадрҳои соҳибтаҳассус барои соҳаҳои иқтисоди миллӣ саҳми арзанда доранд.

Бо вуҷуди ин, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар зинаи таҳсилоти олӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосӣ боқӣ мемонад.

Ҳоло дар баробари ин масъала, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои пешқадаму муосири таълим, мустаҳкам намудан ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиву илмӣ, васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба роҳ мондани ихтисосҳои нави ба талаботи иқтисоди миллӣ ҷавобгӯй ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилот дар марказии таваҷҷуҳи таҳсилоти олии касбии кишварамон қарор дорад.

Бо мақсади ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани сифати таҳсилоти касбӣ масъалаи таҳким бахшидани ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо субъектҳои бозори меҳнат ба миён омадааст.

Барои ҳалли ин масъала зарур аст, ки ҳамкории пурмаҳсули муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо ширкату корхонаҳои хусусӣ роҳандозӣ гардида, дар назди ширкату корхонаҳои ватанӣ марказҳо ва кафедраҳои таҷрибавӣ таъсис дода шаванд.

Таъмин намудани таҳсилоти босифат яке аз роҳҳои ворид шудан ба фазои байналмилалии таҳсилот мебошад.

Бо ин мақсад то имрӯз баъзе ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шудаанд, ки ин ҳолӣ нокифоя аст.

Табодули донишҷӯёну омӯзгорон, зери назорат қарор додани тақдири минбаъдаи хатмкунандагон, такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз меъёрҳои асосие мебошад, ки зимни гузаронидани аттестатсияи байналмилалӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Бинобар ин, Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати давра ба давра аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани барномаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим чораҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Дар кишвар шумораи зиёди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ фаъолият доранд, ки онҳо низ дар соҳибкасб гардонидани чавонон нақши муҳим мебозанд.

Бозори имрӯзаи меҳнати дохил ва хориҷи кишвар аз ин зинаи таҳсилот тақозо менамояд, ки барои ба роҳ мондани ихтисосҳои нави чавобгӯ ба талабот чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Махсусан, ҳоло иқтисоди кишвар ба мутахассисони соҳаҳои техникиву технологӣ, муҳандисӣ ва меъморону сохтмончиён бештар ниёз дорад, ки ин масъала, яъне бартараф намудани эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисоси коргарӣ ва дар айни замон, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим бояд дар марказии диққати роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ қарор дошта бошад.

Ба вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ доранд, супориш дода мешавад, ки ҷиҳати ворид намудани касбу ихтисосҳои нав чорачӯӣ намоянд.

Ҳозирини гиромӣ!

Илм сарвати бебаҳо буда, қобилияти зеҳнии ҳар як кишвар ба нерӯи тавонои он алоқаманд мебошад.

Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат дар сиёсати иҷтимоии худ ба рушди илми ватанӣ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир карда, дар ин самт ислоҳоти зарурро амалӣ карда истодааст.

Дар идомаи ин дастгириҳо мо мақоми муассисаҳои илмиро баланд бардошта, сохтори Академияи илмҳоро таҷдид кардем ва ба он мақоми миллӣ додем.

Дар баробари ин ба 50 нафар аспирантоне, ки дар муассисаҳои илмӣ фаъолият мекунанд, стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид, ки 70 фоизи он ба муҳаққиқони соҳаи илмҳои табиӣ ва риёзӣ дода мешавад.

Ғайр аз ин, субъектҳои хоҷагидор вазифадор карда шуданд, ки дар ҳамкорӣ бо олимон ба кашфиёту ихтироъкорӣ вусъат бахшанд.

Ҳамчунин, ҷиҳати дар корхонаҳои истеҳсолӣ татбиқ намудани технологияҳои ба илм такякунанда ва минбаъд таҳким бахшидани робитаи илм бо истеҳсолот дастурҳои зарурӣ дода шуданд.

Бар замми ин, соли ҷорӣ дар самти бознигарии мавзӯъҳои фармоишӣ, аз ҳисоби Фонди президентии таҳқиқоти бунёдӣ ба андозаи 3 фоиз зиёд кардани ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи илм ва бартарафсозии мушкилоти илм дар ҷараёни гузаронидани санчиши фаъолияти панҷсолаи марказҳо ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Вобаста ба ин, роҳбарони Академияи миллии илмҳо ва дигар академияҳои соҳавӣ бори дигар вазифадор карда мешаванд, ки иҷрои ҳатмии дастуру супоришҳои дар мулоқот бо аҳли илм ва зиёиёни эҷодкор додашударо таъмин намоянд.

Бо Фармони Президенти Тоҷикистон аз 25 июни соли ҷорӣ дар сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президент шуъбаи илм ва инновасия таъсис дода шуд, ки он дар рушди минбаъдаи илм ва пайвастани он ба истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, инчунин, такмили ихтисоси муҳаққиқон ва дигар кормандони илмӣ, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, мусоидат менамояд.

Мо бо мақсади омода намудани донандагони илмҳои табиӣ, дақиқ ва техникӣ Мактаби зеҳнӣ бунёд карда истодаем, ки он бо тамоми шароити таълим, аз ҷумла кабинетҳои таҳассусии мучаҳҳаз бо воситаҳои муосири таълим таъмин гардида, баъди ба фаъолият оғоз кардани он ба ин муассисаи навбунёд наврасони болаёқат аз тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҷалб карда мешаванд.

Ҳозирини гиромӣ!

Ман дар яке аз суханрониҳои худ соҳаҳои илму маорифро пояи асосии рушд ва амнияти кишвар номида будам.

Ин масъала дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният» низ таъкид шудааст, ки “хароб гардидани сифати таълим ва нерӯи зеҳнии мамлакат ҳамчун таҳдид ба амнияти давлат арзёбӣ мешавад”.

Зеро дар шароити имрӯза амнияти миллии кишварҳо аслан аз тариқи баланд бардоштани фаъолияти илмиву технологии тамоми соҳаҳо, рушди сармояи зеҳнӣ ва сатҳи баланди рақобатнокӣ таъмин карда мешавад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба хотири дастгирӣ ва рушди илм ҳамаи тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд.

Аз ҷумла дар ин давра танҳо доир ба низоми идора ва дастгирии молиявии соҳаи илм, тарбияи кадрҳои илмӣ, ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ ва ғайра зиёда аз 300 санад ба тасвиб расидааст.

Бо вуҷуди ин, то ба ҳол дар самти илму маориф як силсила камбудиву мушкилоте вуҷуд доранд, ки онҳо дар маҷмӯъ, монеаи пешрафти соҳаҳои зикршуда ва дар айни замон рушди кишвар гардида истодаанд, аз ҷумла:

— ҳолӣ ҳам паст будани сифати таълим ва вобаста ба ин, сатҳи пасти дониши хонандагону донишҷӯён, тафаккури илмии аспирантон ва як қисми олимони унвондор;

— дар сатҳи паст қарор доштани сифати таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русиву англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва мактабҳои олӣ ҳамчун воситаи асосии дастрасӣ ба дастоварди илму техника ва дигар равандҳои ҷаҳони муосир;

— сатҳи пасти таълими фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар натичаи ин паст будани сатҳи тафаккури илмии донишҷӯён ва унвонҷӯёну муҳаққиқони риштаҳои мазкур;

— паст будани сатҳи касбияти кадрҳои ҷавон, хусусан, дар соҳаи тандурустӣ;

— норасоии омӯзгорони соҳибтаҷриба, махсусан, омӯзгорони фанҳои табиӣ;

-истифодаи ғайриоқилонаи маблағҳои буҷетӣ дар самти илм ва таҳқиқоти илмӣ;

-коррупсия дар соҳаи илму маориф.

Агар омили асосии рушди илму маориф маблағгузории он маҳсуб шавад, пас ҳолӣ маблағгузории соҳаи маорифи Тоҷикистон ба кишварҳои дар ин самт пешқадам дар як саф қарор дорад.

Гузашта аз ин, дар сиёсати давлати Тоҷикистон соҳаи маориф самти афзалиятнок эътироф шудааст ва Ҳукумати мамлакат ба ин самт таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, маблағгузории онро давра ба давра афзоиш дода истодааст.

Масалан, дар соли 2020 барои соҳаи маориф 5 миллиарду 689 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки он 19,2 фоизи ҳаҷми умумии харочоти буҷети давлатӣ ва 5,7 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Аммо савол ба миён меояд, ки чаро тадбирҳои то имрӯз андешидаи Ҳукумат ва Роҳбари давлат дар самтҳои мазкур натичаҳои дилхоҳ намедиҳанд ва илму маорифи мо ҳанӯз ба таври назаррас рушд накарда истодааст?

Аз таҳлили ҳолати имрӯзаи маориф ва илми кишвар бармеояд, ки низоми то ҳанӯз номукаммали идораи илму маориф, нарасидани кадрҳои сатҳи баланди касбӣ ва поквичдону ватандӯст, инчунин, роҳ ёфтани гурӯҳҳои манфиатхох ба сохторҳои алоҳидаи соҳаҳои мазкур боиси ба чунин вазъ гирифтор шудани илму маориф гардидааст.

Фикр мекунам, ки маҳз бо ҳамин сабаб санадҳои муҳимми то имрӯз ба хотири рушди соҳаҳои илму маориф қабулнамудаи Ҳукумати мамлакат сари вақт ва босифат амалӣ карда намешаванд.

Аз ҷумла дар самти рушди илми ватанӣ мо “Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2015”-ро қабул карда будем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барномаи зикршуда ба таври зарурӣ ичро нашудааст ва бо ин сабаб имрӯз бо вучуди зиёд гардидани мактабҳои олӣ шумораи кормандони соҳибунвон, аз ҷумла номзадҳои илм дар муқоиса бо соли 1985 тақрибан 300 нафар кам аст.

Ҳамчунин, аксари сохторҳои давлатии мо ҳолӣ ҳам ба кадрҳои баландихтисос эҳтиёҷ доранд.

Ё худ “Барномаи аз худ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ барои солҳои 2016-2020”, ки ичрои ин барнома низ дар рӯи коғаз буда, ба рушди соҳаҳои марбута умуман мусоидат накардааст ва солҳои тӯлонист, ки соҳаҳои дар барнома зикршуда дар ҳолати хароб қарор доранд.

Ҳамчунин, таҳқиқот доир ба самтҳои афзалиятноки илм ва мавзӯъҳои фармоишӣ дар тамоми давраи истиқлолият бе дарназардошти талаботи хаёти иқтисодиву ичтимоии мамлакат ба роҳ монда шуда, ҳамасола тақрибан 350 мавзӯъ аз буҷети давлат маблаггузорӣ мешавад, ки аслан натича намедиҳад.

Сатҳу сифати амалигардонии барномаҳои дар соҳаи маориф қабулшуда низ беҳбудии ҷиддӣ меҳоҳад.

Масалан, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат “Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” қабул ва амалӣ карда шуд.

Гарчанде нақшаи бо компютер таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ пурра ичро гардид, вале тибқи таҳлилҳо таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо муаллимони фанни мазкур, ки вазифаи Вазорати маориф ва илм аст, умуман ичро нашудааст.

Маҳз бо ҳамин сабаб дар аксари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифодаи компютерҳо ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Ҳамчунин, ҳолӣ марҳалаи сеюми амалисозии “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” шурӯъ мешавад, вале дар ин самт то имрӯз натичаи назаррас мушоҳида намегардад ва вазъ чун пештара нигаронкунанда боқӣ мондааст.

Вазъи татбиқи “Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои мучаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020” низ ташвишовар мебошад.

Тайи 14 сол, яъне аз соли 2006 то имрӯз аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таъминоти соҳаҳои илм бо таҷҳизоти техникӣ, асбобҳо, маводи кимиёӣ ва васоити экспедитсионии назди Академияи миллии илмҳо бо сабаби бесалоҳиятии роҳбарону масъулони он тақрибан 3800 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 70 муассисаи илмӣ ва тамоми мактабҳои олӣ, аз ҷумла 34 пажӯҳишгоҳи илмиву таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ ва техникӣ, муассисаҳои тиббӣ ва дигар муассисаву озмоишгоҳҳои соҳаҳои гуногун бо таҷҳизоти муосири лабораторӣ ва реактивҳои химиявӣ ба таври кофӣ таъмин карда намешаванд.

Дар натича ҳолӣ як насли муаллимони фанҳои табиии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бидуни дониши зарурӣ ба шогирдон дарс мегӯянд ва акнун ислоҳи ин вазъ вақт ва заҳмати зиёдро талаб менамояд.

Ин аст, ки дар паёмҳои шаш соли охири Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олӣ доир ба масъалаҳои муҳимму ҳалталаби соҳаҳои илму маориф эродҳои ҷиддӣ гирифта шуда, барои бартараф кардани онҳо супоришҳои мушаххас низ дода шудаанд.

Аммо таҳлили нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати ичрои супоришҳои Президенти мамлакат нишон медиҳанд, ки ичрои бандҳои ба соҳаҳои илму маориф дахлдор дар сатҳи бисёр паст ба роҳ монда шудааст.

Ва аксари супоришҳо аз ҷониби ичрокунандагон бо пешниҳоди маълумотномаҳои беасос аз назорат гирифта шудаанд.

Ҳамватанони азиз!

Ҷаҳони пурталотуми имрӯза мардуми сайёраро ба мушкилоту тазодҳои зиёди хеле сангин рӯбарӯ намудааст, ки хатарноктарини онҳо терроризми байналмилалӣ, радикализму экстремизми динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ ва паҳн гардидани беморихои сироятӣ мебошад.

Дар чунин шароит устодону омӯзгорон, падару модарон, аҳли зиё ва шахсони обрӯманду тачрибадор вазифадоранд, ки наврасону ҷавононро барои омӯхтани илму дониш, азхудкунии касбу хунар, самимона дӯст доштани Ватан, давлати соҳибистиқлол худ ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ роҳнамоиву тарбия намоянд.

Танҳо бо чунин роҳ мо метавонем насли наврасу ҷавони содиқ ба ғояҳои давлатдории миллиро тарбия намоем ва онҳоро ба раванди барҳӯрдҳои иттилоотиву равонии замони муосир ҳамаҷониба омода созем.

Наврасону ҷавонони боиродаи Ватани маҳбубамонро зарур аст, ки бо шукронаи истиқлолу озодӣ дар пайи ободӣ ва пешрафти кишвари азизи худ бошанд, зеро дар Тоҷикистон барои амалӣ гардидани тамоми мақсаду маромҳои созандаи онҳо ҳамаи шароиту имкониятҳои мусоид муҳайё карда шудаанд.

Халқи тоҷик таърихи бисёр рангину пурифтихор дорад. Миллати соҳибтамаддуни мо дар тӯли таърихи деринаи худ даврахои бисёр сахту вазнинро паси сар карда, таърих, забон, фарҳанг ва ойинҳои миллии хешро ҳифз кардааст.

Аз ин рӯ, ҳамаи моро зарур аст, ки гузаштаи пурифтихори халқамонро ба насли оянда омӯзонем, то ки онҳо ба қадри истиқлолу озодӣ, яъне мафҳумҳои муқаддасу сарнавишт-созии миллатамон расанд ва барои ҳимояи ин неъмати бебаҳо омода бошанд.

Бовар дорам, ки кормандони соҳаи илму маориф ва ҳар як сокини бонангу номуси кишвар ба қадри ин неъматҳои бузург мерасанд ва то ҷашни сисолагии истиқлоли давлатӣ барои боз ҳам пешрафта гардидани Тоҷикистони азиз саҳми арзишманди хешро мегузоранд.

Вобаста ба оғози соли нави таҳсил мехоҳам як масъалаи дигарро, ки бисёр муҳим аст, таъкид намоям.

Падару модарон, роҳбарони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳо, устодону омӯзгорон ва кормандони соҳаи тандурустӣ бояд ба хонандагону донишҷӯён ҚОИДАҲОИ БЕҲДОШТИ ШАХСИРО ДОИМ ХОТИРРАСОН СОЗАНД ВА РИОЯИ ҲАТМИИ ОНҲОРО ТАҲТИ НАЗОРАТИ ҚАТЪӢ ҚАРОР ДИҲАНД. Роҳбарони вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолӣ, инчунин, муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳо вазифадоранд, ки дар ин самт тамоми шароити заруриро муҳайё намоянд.

Мо ба кӯдакон ва наврасону ҷавонон бояд фаҳмонем, ки хатари беморихои сироятӣ, бахусус, коронавирусро саҳл нагиранд ва бо саломативу ҳаёт бозӣ накунанд.

Бори дигар шумо — омӯзгорону хонандагон, наврасону ҷавонон, донишҷӯён ва тамоми сокинони мамлакатро бо Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо саломатӣ ва барору комёбӣ орзумандам.

Соли нави таҳсил муборак бошад, ҳамдиёрони азиз!

ОДАМӢ ҲАСТ АЗ ПАЙИ КОРЕ БУЗУРГ

Омӯзгор дар ҳама давру замон дар ҷомеа мавқеи шоиста дошта, арзандаи ифтихору эҳтиром аст. Ин шахсияти бузург ҳамеша пайи омӯзишу омӯзонидан мебошад. Бо азобу машаққати зиёд ранҷ бардоштаву ганҷ мекорад. Барои соҳибэҳтиром, бофарҳанг, босавод ва закӣ гардидани наслҳои имрӯзу оянда саъю талошҳо менамояд.

Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ аз зумраи омӯзгоронест, ки ҳар лаҳзаю дақиқаҳои ҳаёти худро баҳри рушд ва пешрафти кишвари маҳбубамон – Тоҷикистон масраф намуда, дар пиёда гардонидани мақсадҳо ва амалӣ гаштани стратегияҳои Ҳукумати кишварамон пайваста талош менамояд.

Ӯ дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла муаллими коромӯз, ассистент, муаллими калон, муовини сардори шуъбаи кадрҳо ва сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, фаъолият намуда, дар таълиму тарбияи насли наврас ҳиссаи босазои худро гузоштааст.

Инчунин, номбурда дар вазифаҳои гуногуни хизматчии давлатӣ, аз ҷумла сармутахассис, ёрдамчии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири бахши муҳоҷирати меҳнатӣ ва робита бо ҳамватанони бурунмарзӣ фаъолияташро давом додааст.

Соли 2005 Бахтиёр Маҳмадалӣ барои фаъолияти пурсамар ва меҳнати бисёрсолааш аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори нишони сарисинагии “Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” сарфароз гардонида шудааст.

Соли 2015 бошад Бахтиёр Маҳмадалӣ докторанти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гаштааст.

Дар фаъолияти меҳнатиаш Бахтиёр Маҳмадалӣ тавонистааст, ки зиёда аз 70 мақола, монология ва китобҳои дарсӣ ба чоп расонида, ҳамзамон дар мавзӯи «Самтҳои асосии иқтисодӣ – экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмӣ намуда, соли 2016 номзади илмҳои иқтисодӣ гардад.

Аз моҳи январи соли 2018 бошад, Бахтиёр Маҳмадалӣ Набӣ ба ҳайси директори Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ – металлургии Тоҷикистон” таъйин гардида, ҳамарӯза баҳри таълиму тарбияи насли ояндасози миллат саъю кӯшишҳо менамояд.

Ҳамзамон, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2019, №7 Бахтиёр Маҳмадалӣ дорои унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт гардиданд.

Лозим ба ёдоварист, ки Бахтиёр Маҳмадалӣ, аз даврае, ки сарварии коллеҷро ба ухда доранд, нисбати вазифаи ишғолнамудааш бо дарки баланди масъулият муносибат намуда, дар тӯли фаъолияти начандон зиёди худ тавонистааст, ки тачрибаи хуби роҳбарӣ доштани худро ба ҳайати профессорон, омӯзгорону кормандони коллеҷ исбот намоянд.

Ҳамзамон, номбурда пайваста дар талоши васеъ намудани фазои илмӣ, доираи эҳтиром, якдигарфаҳмии ҳайати кормандону омӯзгорон ва донишҷӯёни коллеҷ буда, инчунин барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия саъю кӯшишҳо ба харҷ медиҳад.

Мавсуф, мутахассиси хуби соҳаи худ буда, омӯзгори шинохта, корманди кордон, босалоҳияту бомаърифат мебошад ва ҳамарӯза баҳри исбот намудани фарзанди фарзонаи миллат буданаш бо ифтихори баланди ватандориву ватандӯстӣ ба халқу миллати хеш хизматҳои шоиста менамояд.

Боиси ифтихори ҳар яки мо - ҳайати профессорию омӯзгории коллеҷ мебошад, ки моҳи равон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.07.2020,

№3734 Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ барои саҳми арзанда гузоштанашон дар пешрафти соҳаи маориф ва илм, инчунин меҳнати бисёрсолаи бенуқсонаш дар вазифаи хизматчии давлатӣ бо Медали хизмати шоиста сарфароз гардонида шуданд.

Бинобар ин ҳайати профессорию омӯзгории коллеҷ, директори муассиса - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Маҳмадалӣ Бахтиёр Набиро барои сазовори мукофоти давлатӣ, яъне Медали хизмати шоиста гардиданашон табрику таҳният намуда, ба устод дар фаъолияти меҳнатии ояндаашон низ бурдбориҳоро таманно доранд.

ҚОИДАҲОИ

тартиботи дохилӣ барои донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ – металлургии Тоҷикистон”

Донишҷӯ шаҳрвандест, ки дар асоси тартиби муқарраршуда ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ қабул гардида, дар шуъбаи рӯзона, ва ғоибона бо мақсади ба дараҷаи муайяни таҳсилот ва ихтисос соҳиб шудан таҳсил менамояд.

Донишҷӯ бояд тамоми қувваи созандаи хешро баҳри ҳифзи комёбиҳои даврони истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, муттаҳидӣ, сулҳу осоиш, таҳкими ваҳдати миллӣ ва пешравии минбаъдаи иқтисодиёту иҷтимоиёт ва фарҳангу маънавиёти Тоҷикистони азиз сафарбар намояд.

I. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮ

1. Қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва интизомро дар коллеҷ риоя намояд. Бидуни сабабҳои узрнок ба дарсшиканӣ роҳ надиҳад. Дар сурати бемор гаштан ё бо сабаби узрноки дигар ба машғулиятҳо ҳозир шуда натавонистан, на дертар аз рӯзи дигар дар ин бора куратор ва ё декани факултетро тариқи телефонӣ огоҳ намуда, баъди ба коллеҷ омадан, на дертар аз 3 рӯзи ҳозир шудан ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҷой доштани сабаби узрнокро пешниҳод намояд.

2. Ба машғулиятҳо бо ҷузвдон, китобу дафтарҳо, қалам, ручка ва лавозимоти дигари хониш ҳозир шавад.

3. Талаботи муҳофизат ва гигиенаи меҳнат, бехатарии воситаҳои техникӣ, санитарӣ, истеҳсолӣ ва тадбирҳои зидди сӯхторро, ки дастурамалҳои дахлдор муайян намудаанд, риоя намояд.

4. Тартибот ва низоми фаъолияти донишҷӯёни коллеҷро эҳтиром намуда, дар фаъолияти илмӣ ва амалии ҳаррӯзааш онҳоро ба роҳбарӣ гирад.

5. Ба коллеҷ ҳатман бо либосҳое ворид шавад, ки намунаашро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст.

6. Нисбат ба моликияти коллеҷ (бино, воситаҳои техникӣ, миз, курсӣ, ҷевон, дастурҳои таълимӣ, китоб, маҷалла, рӯзнома, аёният ва ғайра) эҳтиёткор бошад.

7. Дар дохили бинои таълимӣ, роҳрав ва толорҳо носу сигор накашад, нӯшокиҳои спиртиву маводи мадҳушкунанда истеъмол нанамояд ва бо садои баланд ҳарф назанад.

8. Дар толору дарсхонаҳо тозагӣ ва тартиботи ҷамъиятиро риоя намояд.

9. Ба ҷараёни дарс халал нарасонад.

10. Дар коллеҷ, инчунин, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо рафтори накӯ ва ахлоқи ҳамидаи худ намунаи ибрат бошад.

11. Обрӯ, мақом ва манзалати коллеҷро бо фаъолияти пурсамари хеш баланд бардорад.

12. Ихтисоси интихобкардаашро дӯст дорад ва барои таҳкими дониши илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии хеш мунтазам саъю кӯшиш намояд.

13. Дар корҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва чорабиниҳои сиёсии коллеҷ, факултет ва кафедра фаъолона саҳм гузорад.

14. Ба дарс бо лавозимоти хониш: ҷузвдон, дафтар, қалам, ручка ва ғайра ҳозир шавад.

15. Дар бинои таълимӣ ва хобгоҳ навбатдорӣ карда, талаботи навбатдорро ҳатман риоя намояд.

16. Узви доимии китобхонаҳо (анъанавиву электронӣ) ва хазинаҳои иттилоотиву таълимӣ бошад.

17. Даҳ дақиқа пеш аз оғози дарс дар макони дарс ҳозир гардад ва ҳангоми ворид гардидани омӯзгор ӯро рост истода истиқбол намояд.

18. Эҳтироми омӯзгоронро ба ҷо орад, шаъну шарафи онҳоро ҳимоя кунад ва вазифаву супоришҳои онҳоро сари вақт иҷро намояд.

19. Калонсолон, ҳамсабақон ва ҳамсолони хешро эҳтиром намуда, бо онҳо бо лутфу меҳрубонӣ муносибат кунад. Одоби муошират ва этикети донишҷӯиро риоя карда, аз арзишҳои баланди маданияти тараққикардаи ҷаҳони пешрафта огоҳ бошад.

20. Дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҳатман иштирок намояд.

21. Машғулиятҳои семинарӣ ва корҳои мустақилонаро дар вақташ тайёр намояд.

22. Ҳангоми ба дарс бо сабаби узрнок ва ё беморӣ иштирок накардан, ҳуҷҷати тасдиқкунанда пешниҳод намояд.

23. Дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи касбии хешро баланд бардошта, қобилияту истеъдодашро сайқал диҳад.

24. Дар ҳама навъҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ: конференсия, олимпиада, симпозиум ва маҳфилу озмунҳо иштирок кунад ва бо маърӯзаҳо баромад намояд.

25. Дар саҳифаҳои маҷмӯаҳои илмӣ ва воситаҳои ахбори умум бо гузориш ва мақолаҳои илмӣ – оммавӣ баромад намояд.

26. Ба варзиши бадан ва қувват бахшидани чисм машғул шуда, шиори «Тани солиму ақли солим»-ро пешаи зиндагии хеш намояд.

27. Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ватани азизи худро дӯст дорад.

28. Шаҳрванди Тоҷикистон будан мояи ифтихораш бошад.

29. Рамзҳои давлатӣ - Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва пули миллиро эҳтиром намояд. Суруди миллиро ҳифз намояд ва бо оҳанг сарояд.

30. Забони давлатӣ - забони адабии тоҷикиро донад ва пок нигоҳ дорад.

31. Забонҳои байналмилалиро аз бар кунад ва баҳри рушду нумӯи забони давлатӣ кӯшиш намояд. На камтар аз се забонро аз худ кунад.

32. Таърихи пурғановати ниёгонро омӯзад ва ба ҳаводиси он дуруст баҳо дода тавонад.

33. Адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ - форсиро омӯзад ва тарғибгари он бошад. Аз эҷодиёти адибони бузург шоҳбайтҳоро аз бар намояд.

34. Мероси маънавии миллати хешро омӯзад, мутобиқ ба замон такмил диҳад ва истифода барад.

35. Миллати худро дӯст дорад, баҳри ваҳдати миллӣ, якпорчагии кишвар ва осудагию оромиши он кӯшиш ба харҷ диҳад. Худогоҳу худшинос бошад.

36. Сарватҳои табиии кишварро эҳтиёт намояд.

37. Ёдгориҳои таърихиро ҳамчун мероси ниёгон муҳофизат намояд.

38. Фарди солими ҷумҳурӣ бошад ва нисбат ба қонуншиканиҳо оштинопазир бошад.

39. Арзишҳои умумиинсонӣ ва маънавиро пос дорад. Миллатҳои дигарро (новобаста аз ранги пӯст, забон, дин ва мансубияти ҳизбӣ) ҳурмат кунад ва баҳри таҳкими дӯстиву ҳамкорӣ бо онҳо ҷидду ҷаҳд намояд.

40. Иззати пиронсолон, зану кӯдакон ва маъюбонро ба ҷо орад ва аз рӯи имкон ба онҳо мададрасон бошад.

41. Комёбиҳои илму техникаи замони муосир ва технологияи иттилоотиро пурра аз бар намояд ва барои такмили пешрафти илмию техникӣ кӯшиш ба харҷ диҳад.

42. Дониши андӯхтаи хешро баҳри бехбудии рӯзгори миллат ва пешрафти ҷумҳурии азизи худ - Тоҷикистон самаранок амалӣ намояд.

43. Нисбат ба пешаи худ масъулияттшинос бошад, барои баланд бардоштани шаъну шарафи миллати тоҷик ва афрохтани парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол дар фазои ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ диҳад.

44. Ғояҳои асосии давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, ки дар мафҳуми ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, арзишҳои муҳими умумибашариву умумимиллӣ ифода мешаванд, муқаддас шуморад ва дар пиндор, гуфтор ва рафтори хеш онҳоро амалӣ гардонад.

45. Эҳтироми омӯзгоронро ба ҷо орад ва вазифаву супоришҳои додаашонро сари вақт иҷро намояд.

46. Дар чорабиниҳои ҷамъиятии сатҳи коллеҷ, шаҳру вилоят ва ҷумҳурӣ фаъолона иштирок намояд.

47. Қоида ва дастурамалҳои санитарӣ ва гигиенӣ, бехатарии воситаҳои техникӣ, истеҳсолӣ ва зидди сӯхторро риоя намояд.

48. Нисбат ба амволи коллеҷ (бино, воситаҳои техникӣ, миз, курсӣ, ҷевон, дастурҳои таълимӣ, китоб, маҷалла, рӯзнома, аёният ва ғайра) эҳтиёткор бошад ва дар сурати расонидани зарар зиёни воқеии расонидаашро ҷуброн намояд.

49. Дар давоми на дертар аз 10 рӯз коллеҷро дар бораи тағйир ёфтани рақами телефон, ҷойи истиқомат ва ному насаби худ огоҳ намояд.

II. БАРОИ ДОНИШҶӮ МАНЪ КАРДА МЕШАВАД

50. Рафту омад ба коллеҷ тавассути мошинҳои шахсӣ, ҳамзамон, вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, аз ҷумла вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ (Фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.05.2017, №1518).

51. Дар ҷараёни баргузории машғулиятҳо истифода бурдани телефони мобилӣ. (Фармони Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 31 марти соли 2007, № 394).

52. Ба коллеҷ ворид гардидан бо сару либосе, ки хилофи Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбие, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

53. Дар байни донишҷӯёни дигар бурдани ҳама гуна корҳои тарғиботию ташвиқотӣ оид ба маром ва ҳадафҳои ҳизбу ҳаракатҳои мухталифи сиёсӣ ва ташкилоту равияҳои гуногуни динӣ, ба воситаи телефону шабакаи интернетӣ тамошо ё гӯш кардани навору сабтҳои характери ғайриахлоқӣ дошта.

54. Шомил гаштан ба аъзогии ҳизбу ҳарҳатҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ифротгароёна, ки фаъолияташон дар ҳудуди ҷумҳурӣ манъ карда шудааст.

55. Барангехтани кинаю адоват ё низои миллӣ, нажодӣ, маҳалгарой, динӣ, мазҳабӣ ё паст задани шаъну эътибори миллӣ.

Геолог
Шер мегирад бурут аз ҳуҷ бихри кӯҳан,
Ризки худ сохибкунар аз санг пайдо мекунад.
Нашрия Муассиса давлатии коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳ-металлургии Тоҷикистон

Беҳ аз ганҷи дониш ба гетӣ кӯҷост?
Киро ганҷи дониш бувад подшост!

№ 3 (3) СЕНТЯБР соли 2020

МО БО ВАРЗИШГАРОНАМОН ИФТИХОР МЕНАМОЕМ!

Санаи 27.08.2020 ба ифтихори таҷлили Ҷашни 29-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар кохи «Афсарон» Фестивалозмуни дӯстии ҷавонону варзишгарони пойтахт, таҳти унвони «Зебоӣ, доноӣ ва тавоноӣ аз варзиш аст» бо иштироки муовини раиси шаҳри Душанбе муҳтарама Мавсума Муинӣ, муовини вазири маориф ва илм Латофат Назирӣ, сардори раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе Раҳимзода Шаҳзод ва иштироки зиёди ҷавонон аз муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ баргузор гардид, ки дар он донишҷӯёни коллеҷ мо низ бо дастовардҳои варзишии худ иштирок намуданд.

Намоишро муовини раиси шаҳри Душанбе Мавсума Муинӣ оғоз намуда, изҳор доштанд, ки мақсад аз баргузории ин чорабинӣ дар

ниҳоди ҷавонон бедор намудани ҳисси миллӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ ва ҷалби онҳо ба варзиш барои рушди тарзи ҳаёти солим, инчунин пешгирии беморихои сироятӣ, махсусан, пайдо гардидани ҳар гуна беморихо, аз ҷумла фарбеҳӣ миёни насли ҷавон, мусоидат дар рушди тарбияи ҷисмонию варзишӣ ва ба ин васила ҳавасманд намудани ҷавонон ба варзиш мебошад.

ҶАҲОНРО БА ДОНИШ ТАВОН СОХТАН...

Чашмаи саршори илм аз
остони мактаб аст,
Мурғи масти орзу аз ошёни
мактаб аст.
Ақлу дониш, илму ирфон,
дафтару меҳри китоб,
Баҳри мо хидматрасон аз
ганҷи кони мактаб аст.

Инак, боз оғози соли таҳсил, яъне давраи таълиму омӯзиш дар кишвари маҳбубамон, Тоҷикистони соҳибистиқлол, фаро расид. Аз имрӯз эътиборан боз тамоми даргоҳҳои муқаддас, аз ҷумла боғчаю мактаб то донишгоху донишкадаҳо дарҳои худро барои ташнагони илму маърифат, ҷӯяндагони илму дониш боз намудаанд. Хушбахтона, боз ин маконҳо пур аз издиҳоманд, издиҳоме, ки баъд аз муддатҳои тӯлонӣ ва интизориҳои зиёде ба таҳсил, омӯзиш ва таълиму тарбия шурӯъ менамоянд.

Мактаб маконест, ки дар он шахс дар натиҷаи омӯзиш ва сайқали дониш ҳамаҷониба ташаккул ёфта, аз асрори оламу зиндагӣ огаҳӣ меёбад. Маҳз аз остонаи мактаб инсон ба зинаи аввали муваффақияту музаффарият қадам гузошта, ҷаҳони маънавӣ ва дунявиашро бой мегардонад ва дар ҷомеа сарбаланд, соҳибкалому соҳибэҳтиром мегардад. Бузурге дар ин маврид хело хуб гуфтааст:

Гар набинад мактабу устоду
таълиму адаб,
Кас чу ҳайвон мешавад гарчӣ
бувад соҳибнасаб.

Илму дониш чун машъали фурӯзон дар пайроҳаи тангу тори зиндагӣ роҳнамо ва гиреҳкушои мушкилоти инсонҳост. Бояд гуфт, ки сайёраи Замин маҳз ба туфайли андӯхтани илму дониш ва таҳқиқоту кашфиёти ҳазорсолаи инсонҳо ба вучуд омадааст, ки шоҳбайти зерин исботи ин гуфтаҳост.

Ҷаҳонро ба дониш тавон сохтан,
Ба дониш тавон риштану
бофтан.

Тамоми анҷом ва моли рӯзгор метавонад аз даст равад, куҳнаю фарсуда шавад ва ё ба яғмояш баранд, ба ҷуз донише, ки ба мисли гавҳари дар қаъри дарё буда, дар қалбҳо ҷой гирифта, дар вучуд ва рангу пайвандон нухуфта мемонад.

Дар гузаштаҳои дур инсон ҳатто тасаввур намекард, ки бе чубу тахта ва чахмоқсанг афрӯхтани оташ имконпазиру масофаи дуру дарози роҳро тавассути қатораву тайёра дар андак фурсат метавон кӯтоҳ намуд. Он замонҳо дар хаёли хотир ҳам намеомад, ки замоне бо телефони бесим аз як гӯшаи дунё ба гӯшаи дигар дар як лаҳза сухбат кардан мумкин гардидаву бо пахши як тугмаи телевизор ва ё компютер метавон тамоми хабарҳои ҷаҳонро дида ва ҳам шунида тавонанд.

Аммо баръакси ҳол бошад, яъне дар сурати муддате аз омӯзишу пажӯҳиш бозмондан ва ё даст кашидани инсонҳо аз донишомӯзӣ ва илму амал ҷаҳони мутараққӣ метавонад дар кӯтоҳтарин муҳлат хароб гаштаву ҷаҳолату нодонӣ инсонҳоро фаро гирад. Ин омил хоҳу нохоҳ метавонад таъсири манфии худро ба ҷомеа расонида, боиси боз ҳам пайдо шудани зулму истибдод, ҷангу хунрезиҳо, ноадолатии байни инсонҳо ва, умуман, рӯ ба таназзул овардани ҷаҳони муосир ва харобшавии сайёраи Замин гардад.

Бо далели ин гуфтаҳо, ҳар як фарди худшинос бояд дарк намояд, ки инсон аз беҳтарин офаридаи Худованд ба ҳисоб рафта, аз дигар махлуқот бо ақлу заковат, дониш ва илму амали худ бояд фарқ кунад.

Инсон ба корҳои зиёде қодир аст. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи мо ин маъниро хуб дарк намудаву ба қадри «Инсон» будани худ мерасем. Пас, барои дарк намудани ин маънӣ низ заминаи асосӣ боз ҳам хонишу омӯзиш аст, ки ба василаи он моро имкон даст медиҳад, ки соҳибмаърифат ва худшиносу худогоҳ гардем.

Бе муболиға мебояд гуфт, ки дар замони муосир барои наврасону ҷавонони кишвар баҳри аз худ кардани дониш ва илму ҳунар аз ҳеҷ монеае вуҷуд надорад. Баръакс, имкониятҳо дар ин самт ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати мамлакатамон зиёд гардидаву шароитҳо боз ҳам муҳайё карда мешаванд. Ҷудо гардидани маблағҳои зиёд барои рушди соҳаи маориф ва дар ин замина соҳтмони муассисаҳои зиёди таълимӣ, мустаҳкамгардонии пояи моддӣ – техникии муассисаҳои таълимӣ ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо, давра ба давра баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаи маориф исботи ин гуфтаҳост.

Пас, наврасону ҷавононро мебояд, ки дар ҷаваби чунин ғамхориҳои давлат бо истифодаи дурусти шароиту имкониятҳои мавҷуда вақтро пурсамар истифода бурда, баҳри гирифтани донишҳои баланди замонавӣ ва расидан ба мақсадҳои дарпешгузоштаи худ пайваста талош намуда, барои амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии Ҳукумату давлат дар ҳамаи самтҳо ҳиссагузор бошанд ва барои ояндаи дурахшони давлату миллати худ содиқона хизмат намоянд.

Дар фарҷом оғози хониши 2020-2021-ро барои тамоми таълимдиҳандагон ва ба муҳассилини коллеҷ шодбош гуфта, таманно мекунам, ки ин соли нави хониш барои ҳамагон бобарор ва бомуваффақият бошад.

Давлатхоним
САИДОШУРОВА,
мудири кафедраи забонҳо

САРАЗМ ЯКЕ АЗ БУЗУРГТАРИН ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ

Боиси ифтихор аст, ки дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳифзу нигоҳдории ёдгориҳои таърихии миллатро ҳамчун ҷузъи таркибии сарнавишти миллати куҳанбунёд арзёбӣ намуда, онро қарзи ҳар як тоҷик дар назди таърих ва наслҳои оянда донистанд.

Шаҳраки Саразм яке аз ёдгориҳои қадимтарини давраи энеолит ва аввали асри биринчии Осиёи Миёна мебошад. «Саразм» аз калимаи тоҷикии «Сарзамин» ба вучуд омадааст. Аввалин шаҳрҳову нахустин давлатҳои таърихии мо - тоҷикон, дар ҳамин сарзамин, яъне дар Саразм ба вуҷуд омадааст. Саразмиён дар он давра ба чорводорӣ ва кишоварзӣ машғул буданд.

Саразм бо мамлакатҳои шарқии Туркманистон, Балучистон, Сиистон, Хоразм муносибатҳои тиҷоратӣ дошта, 100 га заминро дар бар мегирад. Он дар соҳили чапи яке аз дарёҳои бузургтарини Осиёи Миёна-Зарафшон, дар баландии 910 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Ба ақидаи яке аз барҷастатарин донандаи забони суғдӣ В. А. Литвис Саразм маънои «Сарзаминро» дорад. Яке аз гарантарин бозёфти Саразм ин гӯри Маликаи Саразм мебошад. Маликаи Саразм тахминан дар синни 25-солагӣ вафот мекунад. Ба он гунае, ки тифл дар батни модар ҷой мегирад, ҳамон гуна ӯро дафн кардаанд. Ҷавоҳироту ороишоташ ҳам, аз ҷумла, гарданбанди тиллоӣ, оҳаксангу ақику нукра ҳамроҳи ӯ ба хок супорида шуд.

Панҷакенти бостонӣ, таърихи зиёда аз 5000-сола дорад, ки дар он ёдгории таърихии Саразм бокӣ мондааст. Сокинони ин сарзамин, Ҳукуматии Ҳахоманашиёну Искандари Мақдунӣ, Империяи Селевкиёну Юнону Бохтар, Кушониён, Ҳайтолиён, Ҳоқони Турк ва истилои арабро аз сар гузаронидаанд.

Таърих гувоҳ аст, ки аз рӯи кашфиётҳои олимони рус А.М.Белинитский ва Б.Н.Распопова Панҷакент аз давраи асри санг-палеолит 50-ҳазор сол қабл маскани одамои ибтидоӣ будааст. Суғдзамин водии соҳилҳои дарёҳои Зарафшону Қашқадарёро дар бар мегирифт ва пойтахташ Мароқанд-Самарқанд буд. Ҳокимони ҳафт мулки Суғд, ки аз сулолаи Кан буданд, асрҳо рафтуомад мекарданду муносибатҳои хешутабориро қадр ва ҳифз мекарданд. Қад-қади дарёи Зарафшон ачдодони мо шоҳроҳ сохтаанд, ки имрӯз аз ду тарафи сарҳад садҳо шаҳру деҳоти аҳолинишин ҳомат афрохта, то ба имрӯз ин роҳ ба харитаи туризми байналҳалкӣ дохил мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки шаҳри Саразм ҳамчун ёдгории муҳим таърихи тулонӣ дорад. Саразм чор давраи ҳазорсоларо аз сар гузаронидааст. Аз рӯйи деворҳои пайдошуда шаҳр аз чор қабат иборат аст, ки фосила дар байни ҳар давра беш аз ҳазорсолист. Ёдгории таърихии Саразм соли 1976 аз ҷониби бостоншиносӣ тоҷик Абдулло Исҳоқов кашф гардидааст. Саразм ҳамчун намунаи шаҳри қадим аз тарафи созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО эътироф шудааст, ки онро аз 31-уми июли соли 2010 ба Феҳристи меросӣ фарҳангӣ умумибашарӣ ворид намуданд.

Аз таърихӣ бою рангини кишварамон хулоса баровардан мумкин аст, ки Тоҷикистон яке аз кишварҳои қадимӣ, дорои мавзеъҳои бузургу дилфиреб, макони сайру саёҳат ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистони азизамон ёдгориҳои таърихи зиёданд. Ба ин гуна ёдгориҳо мисол шуда метавонанд: Қалъаи мири Истаравшан, Қалъаи Ҳисор, Қалъаи мирнишини ш. Хуҷанд, Қалъаи Ҳулбук, Қалъаи Абаргар дар ноҳияи Айнӣ.

Аз ин бармеояд, ки миллати тоҷик аз қадим дорои маданияти баланди шаҳрдорӣ мебошад. Ҳамин маданият ва тараққиёти баланди тоҷикон буд, ки дар асри 10 дар шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд қубурҳои сафолин сохта шуда, аҳолӣ бо оби нӯшокӣ таъмин мегардид.

Мо ҷавонон аз таърихи бою рангини кишварамон ва ёдгориҳои муқаддас ба мисли «Саразм» ифтихор менамоем ва доимо кӯшиш менамоем, ки ин гуна ёдгориҳои таърихиамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

Чорёри ҲАКИМ,
мудири кафедраи фанҳои
ҷамъиятшиносӣ

ТАЪЗИЯ

Раёсат, ҳайати таҳририяи рӯзнома ва аҳли ҳамкорон ба Қобилова Уғулой, сармутахассис оид ба фарҳанги шуъбаи ташкилӣ-тарбиявӣ ва кор бо ҷавонон, нисбати даргузашти

МОДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, ҳайати таҳририяи рӯзнома ва аҳли ҳамкорон ба омӯзгор -Гадоева Нилуфар, нисбати даргузашти нобаҳангоми

ПАДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, ҳайати таҳририяи рӯзнома ва аҳли ҳамкорон ба Раҳимова Маҳбуба, мутахассиси шуъбаи ғоибона, нисбати даргузашти нобаҳангоми

ПАДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Геолог
Шер мегирад бурут аз ҳуҷ бихри кӯҳан,
Ризки худ сохибкунар аз санг пайдо мекунад.
Нашрия Муассиса давлатии коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳ-металлургии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР:
Саидошурова
Давлатхоним
Лукмоншоевна

МУАССИС:
Коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ – металлургии Тоҷикистон

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо мавқеи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН:
Идораи ҳафтанома маводро дар шакли электронии ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) –и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд. Мавод ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонда намешаванд. Почтаи электронии ҳафтанома: kuhi-2018@mail.ru
Ба хотири гуногунандешӣ дар ҳафтанома маводе низ ба табъ мерасанд, ки метавонад ба нуқтаи назари ҳафтанома мувофиқ набошад.

НИШОНИИ ҲАФТАНОМА:
ш.Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Борбад 52/1
Телефон: 239-13-70
Макони чоп:
ҶДММ «Mega-принт».
Теъдоди нашр-
400 нусха.